МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ
“ДОНИШКАДАИ ТИББӢ – ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

Факултети тиббӣ

Рисолати барномаи таълимӣ ихтисоси «Кори табобатӣ»

Рисолати барномаи таълимӣ ихтисоси «Кори табобатӣ» - пешниҳоди босифати таълимии асосии тиббӣ барои омода намудани мутахассисони баландихтисос, табибони босалоҳият, омӯзиши пайваста дар тӯли ҳаёт, ки дар асоси принсипҳои таълимии касбӣ, пайваста барои ҳалли проблемаҳои ҳифзи саломатӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии мамлакат, инчунин қодир аст, ки дар инкишофи илми тиб ва нигаҳдории тандурустӣ, ҳифз ва афзун гардондани комёбиҳои донишкадаҳои олии тиббии ватанӣ ҳисса гузорад.

Рисолати барномаи таълимӣ аз рӯи ихтисоси “Кори табобатӣ” рисолати асосии донишкадаро инъикос мекунад – омода намудани кадрҳои баландихтисос рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва байналмиллалӣ дар зинаи таҳсилоти то дипломӣ ва идомаи таҳсил дар зинаи баъдидипломӣ барои хатмкунандагони факултети тиббӣ.

-дар сатҳи пешаздипломӣ – ин тайёр намудани духтур аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ», ки метавонад дар муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ кӯмаки тахассусӣ расонад;

- қобилияти такмили минбаъда дар зинаи баъдидипломӣ ;

- идома додани таҳсил дар тӯли ҳаёт;

-беҳтар намудани саломатии аҳолӣ

-омодагӣ ба шароити тағйирёбандаи системаи тандурустӣ дар сатҳи давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ

Вазифаи барномаи таълимӣ ҳадафҳо ва стратегияи таълимиро оид ба тайёр кардани мутахассиси салоҳиятдор – табиби дараҷаи таҳсилоти олии касбии тиббӣ дар соҳаи тандурустӣ бо заминаи мувофиқ барои касбу кори минбаъда дар ҳама гуна соҳа инъикос менамояд. Нигахдории тандурустӣ, аз ҷумла ҳамаи намудҳои амалия, тиббӣ маъмурӣ ва тадқиқоти илмии соҳаи тандурустӣ, ки қодир аст нақш ва вазифаҳои мутахассисро мувофиқи талаботи муқаррагардидаи соҳаи тандурустӣ иҷро намояд, ки барои таҳсилоти баъдидипломӣ таъин шудааст ва уҳдадориҳои якумра ба души худ гирад.

Факултети тиббии МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтитмоии Тоҷикистон” бо ихтисоси кори табобатӣ яке аз муассисаҳои пешбари хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маркази тиббии илмию

инноватсионие мебошад, ки таҳсилоти босифат ва хизматрасониро дар соҳаи тандурустӣ таъмин менамояд, ки ба талаботи рӯзмарра ҷавобгӯ мебошад, стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ки қодиранд нақш ва вазифаҳои мутахассисро мувофиқи талаботи муқарраршудаи соҳаи тандурустӣ иҷро кунанд.

Вазифаи асосии мутахассиси факултети тиббӣ ихтисоси «Кори табобатӣ» ташаккули сифатҳои баланди касбӣ ва арзишҳои шахсии донишҷӯён, тавассути фароҳам овардани шароити зарурӣ барои гирифтани маълумоти олии тиббӣ дар зинаҳои гуногуни раванди таълим (олии то дипломӣ, интернатура ё ординатураи клиникӣ) мебошад.

Декани факултети тиббӣ н.и.ф. **Ризоева Г.И.**